# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

***Пресс-кафе оиди рушди бахши истеҳсол ва коркарди маҳсулоти озуқаворӣи ба содирот нигаронидашуда. Натиҷаҳо ва дастовардҳо.***

**Душанбе, 13 ноябри соли 2015** – Пресс кафе оид ба натиҷаи кори Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон бо корхонаҳои коркарди хушкмева дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 ноябри соли 2015 баргузор мегардад.

Фикрҳои асосии Ассотсиатсия барои рушди ин бахш масъалаҳои андозбандӣ, расмиёти гумрукӣ, кам кардани монеаҳои маъмури ва хусусиятҳои низоми савдо дар доираи ТБС ва дохилшавӣ ба Иттиҳоди Гумрукӣ мебошад. Инчунин фаъолияти, дар доираи лоиҳаи иҷрошудаистодаи **CANDY** шабакаи ширкатҳои коркардкунандагони хушкмеваро фаро мегирад.

Чорабинии мазкурро Ассотсиятсияи миллии соҳибкори хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналхалқии австриягии Hilfswerk Austria International дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи **«Рушди иқтисодиёт дар Осиёи Марказӣ тавассути пешбарии ташкилотҳои тиҷоратии миёнарав (ТТМ) ва корхонаҳои хурду миёна (КХМ) дар соҳаи саноати хӯрокворӣ»**, ки дар доираи барномаи «Осиёи Марказӣ – Инвест III» - и Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ шудааст, ташкил карда мешавад.

Дар кори пресс кафе кормандони дахлдори давлатӣ, намояндагони бахши хусусӣ, коршиносон, роҳбарони ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои ҷамъияти ва байналмиллалӣ иштирок менамоянд.

Ба саволҳои иштирокчиён посух аз ҷониби муттахасисони мустақил дар соҳаи мусоидат ба тиҷорат, андозбандӣ, стандартизатсия ва ТБС хоҳанд ёфт.

**Барои дарёфти маълумоти иловагӣ** лутфан ба ассистенти лоиҳа Гулноз Рахматуллоева тариқи почтаи электронии info@namsb.tj тариқи телефон ба рақами (44) 625-00-08; (93) 511-50-53 муроҷиат намоед.

---

with funding from
Austrian Development Cooperation

Лоиҳа аз ҷониби Агентии Австриягӣ оид ба рушд низ маблағгузорӣ карда мешавад

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_tg.htm

Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат тақрибан 25 млн. евро фароҳам менамояд.

Ташкилоти байналмиллалии ғайридавлатии австриягии **Hilfswerk Austria International** дар мушорикати баробарҳуқуқи ташкилотҳои минтақавии Осиёи Марказӣ лоиҳаи сеюминро дар барномаи **ИА** "Осиёи Марказӣ - Инвест" ба амал оварда истодааст.
Тамоми ташаббусоти лоиҳаҳои ба амал оварда шудаистода дар давоми 5 соли паси ҳам дар гурӯҳи ягона иборат аз 6 ташкилоти минтақави ва байналмиллалӣ ба рушди сектори коркарди меваю сабзавот, баланд бардоштани иқтидори рақобатпазирӣ ва содироти КХМ, инчунин ҳамгироии Осиёи Маркази ба иқтисоди ҷаҳони равона шудааст.

***ТАШКИЛОТҲОИ ШАРИК:***

***АЗИТ*** *(Ассотсиатсияи зиёиёни илмӣ- техникии Тоҷикистон) – ташкилоти ғайридавлантӣ ва ташкилоти ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ, ки ба рушдиислоҳотҳои демократӣ ва кам кардани масъалаҳои камбизоатии одамон дар ҶТ ба воситаи истифодаи самараноки иқтидори зиёиёни илмию техникӣ ва мустаҳкам намудани нақши сохтори ғайритиҷоратӣ бо роҳи татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, ахборотӣ, ҳамоҳангсозӣ, таълимӣ, машваратӣ ва барномаҳои рушд мусоидат менамояд.* ***http://www.asti.tj*** .

***АМСХМ*** *(Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) – соли 1993 бақайд гирифташуда ташкилоти ғайритиҷоратии аъзоӣ мебошад, ки сохторҳои соҳибкоронро ихтиёр ва майлу рағбатҳои доираи васеъ доштаи Тоҷикистонро муттаҳид менамояд. Фаъолияти асосӣ: ҳимоя ва пеш бурдани мақсадҳои соҳибкорон, хизматҳои машваратӣ, усулӣ, таълимӣ ва ахбороти барои соҳибкорон http://www.namsb.tj .*

***Маркази МТМ (TES)*** *– ташкилоти ғайридавлатии Қирғизистон мебошад, ки мақсади асосиаш баланд бардоштани даромади аҳолӣ, ки фаъолитяи кишоварзиро пеш мебаранд, ба воситаи таълим ва додани машварати баландсифат мебошад. Маркази TES – ташкилоти ғайритиҷоратии таълимӣ ва машваратӣ мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Қирғизистон эътироф карда шуда соли 1999 аз ҷониби GTZ дар якҷоягӣ бо Донишгоҳи Давлатии Ош таъсис карда шуда буд.*

***ИҶМСХҚ*** *(Иттиҳоди ҷамъиятии муассисаҳои саноати хуроквории Қиргизистон) соли 2003 таъсис карда шуда айни ҳол шумораи зиёди корхонаҳои меваю сабзавоти Қирғизистонро муттаҳид менамояд ва соҳаи коркарди меваю сабзавот ва соҳибкоронро ба воситаи таъмин намудани фазои мусоид барои тиҷорат ва рушди бозори маҳсулоти коркардшуда рушд медиҳад. Иттиҳоди шахсони ҳуқуқӣ* ***«Иттиҳоди муассисаҳои меваю сабзавот»*** *ташкилоти ғайридавлатӣ, ғайритиҷоратӣ мебошад, ки дар асоси ихтиёрӣ ва ягонагии фикру ақидаҳои шахсони ҳуқуқии истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ муттаҳид месозад.*

*Пажуҳишгоҳи кӯмаки иқтисодӣ дар назди Палатаи Савдои Австрия (ПКИПСА) (**WIFI**) – муассисаи калонтарини Австрия ва Аврупо оид ба таълими иловагии тахассусӣ, ки қисмати сохтори Палатаи Федералии иқтисоди Ҷумҳурии Австрия мебошад. Дар таркиби ПКИПСА 9 пажуҳишгоҳ ва зиёда аз 80 филиалҳои дар кишварҳои гуногуни Аврупо ҷойгир буда, дохил мешаванд. Зиёда аз 300 000 иштирокчиён ҳар сол 26 000 дар курсҳо ва семинарҳои ПКИПСА иштирок менамоянд. 12 000 омӯзгорони салоҳиятдор бо таҷрибаи корӣ дар муассисаҳои иқтисоди воқеи дар курсҳои ПКИПСА омӯзиш мегузаронанд.*